# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертасия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ Раҳимов Холмаҳмад Баротович дар мавзӯи «Ҷустори ҳунарии Лоиқ дар шеъри муосири тоҷик ва фардияти эҷодии ӯ».**

Лоиқ Шералӣ ҳамчун шоир дар таърихи адабиёти сабт шуда бо ашъори рангину баландмазмунаш дар байни алоқамандони адабиёт шуҳрати беандоза зиёде дорад. Назар ба маълумоти дар фишурдаи рисолаи номзадӣ овардашуда, ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри гузашта шеъри Лоиқ мавриди таваҷҷуҳи муҳақиқин қаррор гурифта, диди тоза ва навҷӯйиҳову истеъдоди баланди шоирии Лоиқ мавриди арзёбӣ қарор гирифта буд. Адабиётшиносон М. Шукуров ва Ш. Ҳусейнзода дар мақолоти илмии худ доир ба хусусиятҳои лирикии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ сухан ронда, доир ба хусусиятҳои лирикӣ ва баъзе жанрҳои эҷодиёти шоир маълумот додаанд. Ш. Ҳусейнзода баъзе тозакориҳоро дар шеъри тоҷикӣ ёдрас намудааст. Эҷодиёти Лоиқ Шералӣ мавриди таваҷҷӯҳи ҳамешагии аҳли таҳқиқ қарор гирифта, дар заминаи он як силсила мақолаву рисолаҳои илмӣ таълиф гардиданд.

Муаллифи рисола фардияти эҷодӣ ва ҷойгоҳи Лоиқро дар таърихи адабиёти муосири тоҷик, пеш аз ҳама дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули шеъри тоҷикӣ, хусусиятҳои хоси дидгоҳи ӯ ба рӯйдодҳои зиндагӣ ва арзишҳои иҷтимоӣ ва бадеии осори ӯ муайян мекунад.

Дар рисолаи илмӣ муаллиф дар заминаи таҷрибаи эҷодии Лоиқ Шералӣ хусусиятҳои шакливу мундариҷавӣ ва усули бадеии тасвиркориҳои ӯро муайян намуда, ӯро ҳамчун шоири ҷӯянда, суннатгаро ва навовар муайян намудааст.

Дар автореферат нуктаҳои асосии дар рисола мавриди таҳқиқ қароргирифта зикр шуда, қайд мекунад, ки солҳои ҳафтоду ҳаштод давраи дувум ва муҳими эҷодиёти Лоиқ буда, дар осори индавринаи ӯ рангу намоди таърихиву миллӣ, мавзӯҳои модар ва зан, кӯдакӣ, ҷанг ва сулҳ, муяҳои ошиқона, васфи табиат, сиёсиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷойгоҳи

хосро пайдо мекунад. Дар ин замина шеъри Лоиқ аз як тараф, ба фарҳангу эътиқоде, ки суннати мондагори меросӣ буд, бозмегардад ва аз дигар сӯ, табодули ҳиссу идрок ба шеъри ҷаҳонро пеширӯ дорад, ки ин ҳар ду чеҳраи шоирии ӯро мушаххас месозад.

Яке аз нуктаҳои асосие, ки муҳаққиқ барои дифоъ рисолаашро пешниҳод намудааст, ин аст ки аввалин пажуҳиши ҳунарии шеъри Лоиқро дар солҳои 60-уми асри гузашта муайян намуда, солҳои ҳаштодумро давраи дуюм ва муҳими эҷодиёти Лоиқ ҳисобида, таъкид намудаааст, ки маҳз осори индавраинаи шоир рангу намоди таърихиву миллӣ гирифта, мавзӯи модар ва зан, кӯдакӣ, ҷанг ва сулҳ, муяҳои ошиқона, васфи табиат, сиёсиву иҷтимоӣ ва ғайра ҷойгоҳи асосиро дар ашъори Лоиқ мегирад. Дар ин замина шеъри Лоиқ аз як тараф, ба фарҳангу эътиқоде, ки суннати мондагори меросӣ буд, бозмегардад ва аз дигар сӯ, табодули ҳиссу идрок ба шеъри ҷаҳонро пеширӯ дорад, ки ин ҳар ду чеҳраи шоирии ӯро равшан месозад.

Таҳқиқот аз мукаддима ва се боб иборат аст. Дар муқаддимаи кор зарурияти таҳқиқи мавзӯъ асоснок ва ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст.

Боби аввали диссертасия «Вазъи адабии солҳои шастуми саддаи XX ва вежагиҳои давраи аввали эҷодиёти Лоиқ» номида шуда, дар ин боб вазъи иҷтимоӣ ва адабию фарҳангии давраи аввали эҷодиёти Лоиқ, воқеаҳо ва санадҳои воқеие, ки дар шаклгирии шахсияти шоир ва фардияти ҳунариаш нақши муҳим доштаанд, таҳлил ва арзёбӣ шудаанд. Дар диссертасия шеърҳои давраи аввали эҷодиёти шоир таҳқиқ шуда, дар мисоли онҳо таҳаввулоти тафаккури шоиронаи ӯ, ки хусусиятҳои хоси низоми образҳои шеъриашро ифода мекунад,арзёбӣ шудааст.

Лоиқ, ҳарчанд монанди шоирони муосираш дар ҳамин гуна муҳит мезисту эҷод мекард, вале осори давраи аввали эҷодиёташ гувоҳи диди хоси ӯ ба воқеият буд. Чизи нав ва муҳтавои тозаро аз зиндгӣ дарёфта, Лоиқ тавонистааст, ки ба василаи тасвирҳо ва образҳои шоирона хонандаро мутақоиди ҳақиқати шинохти зиндагӣ, андешаву оро ва

дарёфтҳои зебошинохтии худ созад. Бо гузашти замон ҳам шеърҳои аввалини шоир барои хонанда кӯҳна нашудаанд.

Дар ин зербахш паҳлуҳои гуногуни ин мавзӯъ таҳлил ва арзёбӣ шуда, тамоюли фикрӣ ва ҳунарии Лоиқ дар инъикоси мавзӯъҳои ишқӣ мушаххас гардидааст.

Боби дуюми диссертасия «Хусусиятҳои эҷодиёт ва ҳунари шоирии Лоиқ» унвон дошта аз се фасл, фасли аввал, ки «Мавзӯоти шеъри Лоиқ ва биниши фардии ӯ» номида шудааст, нақши хоси Лоиқ дар инъикоси ин ё он мавзӯъ таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст. Муҳақиқ дар ин бахш кушидааст, ки бартарияти шахсиятро дар шеърҳои ишқии Лоиқ нисбат ба дигар шоирони замони Лоиқ нишон диҳад. Муҳақиқ дар фишурдаи рисолааш навиштааст, ки «Ӯ ҳама чизро бо чашми худ дид ва бо меъёрҳоии зеҳниву ахлоқӣ ва забоншинохтӣ андоза кард. Дар ҳоле, ки ишқномаҳои хеле ками Ғаффор Мирзо ва Муъмин Қаноатро наметавон ба ошиқонаҳои Лоиқ баробар кард» . Дар ин қисмат муаллиф дар сурати қиёс намудани шеъри як шоир ба шоири дигар набояд ба микдори шеър такя кунад. Ин таҳлили амиқу ҳаматарафаро тақозо мекунад.

Зерфасли дуюми боби дувум, ки «Лоиқ ва ҳуввияти миллӣ» ном дорад, масъалаҳои худшиносии таърихӣ ва ҳуввияти миллӣ дар эҷодиёти шоир таҳқиқ ва таҳлил шудааст.

Ҳуввияти инсонӣ ва фардияти ҳунарии Лоиқ дар шинохти миллат, ватан ва арзишҳои миллӣ аз нахустин шеърҳояш буда ва минбаъд ташаккул ёфтааст. Дар фишурда унвонҷӯ таъкид намудаанд, ки аз солҳои ҳафтод ба баъд афзоиши гунҷоиши ёди таърихӣ, равиши худшиносии таърихӣ ва ҳуввияти миллиро дар эҷодиёти Лоиқ муайян кард. Тамоили худшиносии таърихӣ ва ҳуввиятшиносии миллиро дар эҷодиёти Лоиқ шеърҳои ба таърих ва шахсиятҳои таърихӣ бахшидаи ӯ тақвият мебахшад.

Дар зерфасли сеюми боби дувуми диссертатсия «Тавири табиат дар ашъори Лоиқ Шералӣ” фардияти эҷодиёти шоир дар заминаи ашъори ба табиат бахшидаи ӯ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст.

Боби сеюми диссертатсия «Навҷӯиҳои Лоиқ Шералӣ дар навъҳои шеърӣ» унвон дошта, аз ду фасл иборат мебошад, тозаҷӯиҳоии шоир дар шеъри нав ва чаҳорпора мавриди таҳқиқ ва таҳлил қарор гирифтааст.

Дар фасли аввали ин боб, ки «Падидаҳои шеъри нав дар эҷодиёти Лоиқ» унвон дорад, фардияти эҷодии шоир дар заминаи ҷустуҷӯҳои шоир дар шеъри нав муайян ва мушаххас карда шудааст. Лоиқ дар ҳарду шакл шеър гуфта бошад ҳам, дар эчодиёташ шакли нимоӣ ё шеъри озод нуфуз дорад.

Фасли дувуми боби сеюм «Вежагиҳои чаҳорпораҳои шоир» номида шудааст, ин шакли нави шеърӣ дар заминаи таҷрибаи эҷодии Лоиқ таҳлил ва таҳқиқ шудааст.

Чаҳорпора ё худ дубайтии пайваста маҳсули давраи нави адабиёти тоҷик аст. Дар оғози пайдоиши ин навъи шеърӣ қофиябандиҳои зерин1. (ааба, ввгв): 2. (абвб, гдед); 3. Аабб,ввгг) доштааст. А. Ҳакимов бар ин назар аст, ки чаҳорпорае, ки қофиябандиаш (ааба, ввгв) аст, дар шеъри тоҷикӣ зери таъсири назми рус ба вуҷуд омадааст. Муаллифи рисола ба чунин хулоса омадааст, ки чаҳорпораи Лоиқ пулест байни шеъри кӯҳан ва нимоӣ. Ба таъбири дигар, чаҳорпораи Лоиқ аз назари мартабаи шеърӣ миёни шеъри классикӣ ва шеъри нав қарор дорад.

Дар баробари талошҳои зиёди муаллиф дар таҳлилу баррасии ҷанбаҳои гуногуни ҳунари шоирии Лоиқ Шералӣ дар забони нигориши муҳақиқ баъзе нуқсониҳои ба назар мерасад, ки ба меъёри забони тоҷикӣ мувофиқат намекунад. Эроди нахусти мо дар унвони рисола мебошад. Беҳтар мебуд, ки номи мавзӯро «Ҷастори ҳунарӣ дар ашъори Лоиқ Шералӣ ва фардияти эҷодиёти ӯ» мегузошт, беҳтар буд. Ва истифодаи вожаи «ҷастор» низ на он қадар мувофиқ аст. Муродифоти хело зиёд дар забони тоҷикӣ-форсӣ дорад. Истифодаи калимаву ибораҳои ***тааммуқписандида, ҳамовардонаш, муносибатҳои шодхорона, шахсиятҳои худбохта, шоеъ аст ва амсоли ин,*** ки шояд дар матни пурраи рисола низ зиёд ҷой дошта бошанд, ба меъёри забони тоҷикӣ мувофиқ

нестанд ва дар Фарҳанги забони тоҷикӣ ҷой надоранд, аз истифодаи онҳо бояд худдорӣ карда мешуд.

Дар рисола ҳадафҳои дар наздаш гузоштаро муҳаққиқ дар асоси таҳлил ва баррасиҳои илмӣ ҳаматарафа арзёбӣ намудааст.

Фишурдаи рисола ва мақолаҳои доир ба мавзӯъ нашрнамудаи муҳаққиқ, мундариҷаи рисоларо пурра ифода мекунанд.

Аз ин рӯ рисолаи мазкур ба талаботи рисолаҳои номзадӣ ҷавобгӯ буда, муаллифи рисола **Раҳимов Холмаҳмад Баротович** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- Адабиёти тоҷик сазовор аст.

***Мудири шуъбаи тавсифи дастхат, фехристнигорӣ ва нашри осори илмии Маркази мероси хаттӣ*** ***С. Ализода***

***Тасдиқ мекунам: Сардори шуъбаи кадрҳои Маркази мероси хаттӣ*** ***С. Субҳонов***

АКАДЕМИЯИ ИЛМҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ ШУЪБАИ КАДРҲО